**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Одинаева Гулбону дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳақназар Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабтёти тоҷик**

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва ҳисси худшиносии халқи тоҷик ба яке аз масъалаҳои асосии адабиёти бадеӣ табдил ёфт ва бо ҳамин мақсад аз ҷониби адибони тоҷик даҳҳо асарҳои хурду бузург таълиф гардиданд. Дар ин миён яке аз чеҳраҳои дурахшони адабиёти нимаи дуюми қарни ХХ ва ибтидои қарни XXI муосири тоҷик, ки эҷодиёташ аз нигоҳи танавуъи жанрӣ-мавзӯӣ ва вижагии идеявӣ-бадеӣ ҷалби назар менамояд, Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб мебошад. Диссертатсияи мазкур ба таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои муҳим – таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти ин шоирони номвари тоҷик, ки дар рушду камоли шеъри муосири тоҷик дар нимаи дуюми асри ХХ ва ибтидои асри XXI нақши барҷаста дорад, бахшида шудааст. Ин мавзӯъ то ба ҳол мавриди таҳқиқи монографӣ қарор нагирифтааст. Кори анҷомдодаи диссертант дар ин мавзӯъ арзандаи таҳсин аст.

Ба ашъори дилнишин ва пурмуҳтавои Ҳақназар Ғоиб суханшиносони ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, осори ӯро дар радифи саромадони шеъри тоҷик медонанд. Бо вуҷуди ин, кори анҷомдодаи Одинаева Г. таҳқиқоти комилан нави илмӣ буда, унвонҷӯ мавзӯи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро ба ҳайси рисолаи илмӣ интихоб намудааст. Навгонии мавзӯъ дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал ашъори шоир ба таври густурдаву амиқ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, арзиши бадеию зебоишинохтӣ ва ахлоқии он муайян ва равшан гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва тарҷумаи русии он мувофиқ ба талабот таҳия гардида, фарогири мундариҷаи мухтасари диссертатсия мебошад. Дар он аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо ва навгониҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои истифодашуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва асосҳои методологии кори анҷомёфта, мувофиқи талабот баён гардида, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзӯи мазкур ва татбиқи амалии натиҷаҳои он муайян карда шудааст.

Тавре, ки аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори илмии мазкур аз се боб иборат буда, ҳар як боб ба фаслҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Боби аввал «Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб» унвон дошта, дар ду қисмати он масъалаҳои гуногун марбут ба рӯзгор ва осори шоир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар фасли сеюми ҳамин боб муаллиф ба таҳлилу баррасии мавзӯъ ва мундариҷаи достонҳои шоир пардохтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳ. Ғоиб» номгузорӣ шуда, дар се фасли он мавзӯъҳое, ки солҳои тӯлонӣ мавриди таваҷҷуҳи бузургтарин шоирони ҳар давру замон буданд, Ҳақназар низ ба ишқ, ба қадру қимат ва манзалати ишқи инсон, муҳаббати волидон, шукӯҳу шаҳомати модари тоҷик, Ватану миллат, адлу дод ва, умуман, масъалаҳои асосии иҷтимоӣ, панду андарз зиёд эътибор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Ҳунари нигорандагии Ҳ. Ғоиб» ном дошта, фарогири се фасл аст. Дар ин боб муаллиф зарбулмасалу мақол, панду андарзҳои халқӣ дар эҷодиёти шоир, санъатҳои бадеӣ, жанрҳои бадеӣ маълумот додааст. Дар фасли сеюм муносибати қофия ба вазн, жанр, образ, композитсия, мазмуну

мундарича ва дигар унсурҳои шеър дар замони муосир, хусусан баъди солҳои панҷоҳум ба назми ҳозиразамон назар афкандани шоирон аҳаммияти махсус пайдо кард, ки ин дар осори Ҳақназар Ғоиб низ ба назар мерасад.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Мавзӯъ дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллиф тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ барояд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз қабили ғалатҳои имлоию техникӣ ва парокандагии фикрӣ дар матнҳо ҷой доранд. Вале норасоие, ки гуфтем, каму назарногир ва ислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонад.

Диссертатсияи Одинаева Гулбону Мадалиевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори лирикии Ҳақназар Ғоиб» кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур: Дӯстов Комилҷон Авлокулович

Нишонӣ: 7340025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Кӯчаи Франко 9/2, кв.3.
Тел (моб):+992 (93-582-73-03)
Э-почта: dustov1964@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Тағоева МА.
Нишонӣ: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе.
Хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел: кор):+992 (2247207)
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур:

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР * ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ